# ХУЛОСАИ
## Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи диссертатсионии №___
Қарори шурои диссертатсионӣ
аз 16 сентябри соли 2025, №93

Барои сазовор донистани Холмуродзода Фазлиддин Шомаҳмад, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Холмуродзода Фазлиддин Шомаҳмад дар мавзуи «Нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар таърихи 01 июли соли 2025, суратмаҷлиси №86 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 16/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Холмуродзода Фазлиддин Шомаҳмад 3 феврали соли 1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст. Мавсуф соли 2009 ба факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дохил шуда, соли 2013 (бакалавр) донишгоҳи мазкурро хатм намудааст. Холмуродзода Ф. худи ҳамон сол ба зинаи магистратураи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шуда ва пас аз як соли таҳсил, яъне соли 2014 бо тариқи интиқол ба Донишгоҳи дӯстии халқҳои Федератсияи Россия рафта, соли 2015 онҷоро аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқи байналмилалӣ бо муваффақият ба итмом расонидааст.

Холмуродзода Фазлиддин Шомаҳмад моҳи ноябри соли 2015 ба ҳайси ассистенти кафедраи таърих ва ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба кор шуруъ намуда, инчунин соли 2017 дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ ва дар ин замина факултети сиёсат ва идораи давлатӣ кушода шуд. Мавсуф ба ҳайси омӯзгори кафедраи мазкур то соли 2024 ва аз соли 2024 то ин ҷониб дар Комиссияи олии аттестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси мутахассиси пешбари шуъбаи ҷамъиятӣ фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Раҷабзода Маҳмадёр Носир** – дотсент, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Муртазозода Ҷамшед Саидалӣ** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- **Сидиқов Дилшод Аҳророрвич** - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (ш. Хуҷанд).

Дар хулосаи мусбати муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар Самадзода Бахтиёр Одилҷон – дотсент, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, (ихтисос: 12.00.03 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) омода ва аз ҷониби раис семинари васеи илмӣ-назариявӣ баргузор гардид. Дар тақризи муассисаи пешбар Рофиева А.Ҳ – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва котиби ҷаласа муаллими калони ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Абдувоҳидов М.Р. имзо гузошта ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Муминзода Ш.А. санаи 20 августи соли 2025 тасдиқ шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Диссертатсия мустақилона аз ҷониби муаллиф таҳия шуда, мазмуни ягонаи дохилӣ ва мантиқӣ дорад. Навгониҳои таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, таҳлили илмии қонунгузорӣ, пешниҳоди хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ, пешниҳоди маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмии байналмилалию ҷумҳуриявӣ аз саҳми шахсии муаллиф шаҳодат медиҳанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Холмуродзода Фазлиддин Шомаҳмад оид ба мавзуи диссертатсия 15 интишороти илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст. Интишороти довталаби дараҷаи илмӣ Холмуродзода Фазлиддин Шомаҳмад нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамояд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[1]. Холмуродзода Ф.Ш. Асноди байналмилалӣ ҳамчун усули ба як шакл даровардани меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалии хусусӣ // Паёми Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – №10, қисми I. – С. 232–241. – ISSN 2413-5151;

[2]. Холмуродзода Ф.Ш. Вазъ ва нақши шартномаи байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ // Маҷаллаи академии ҳуқуқ – 2020. – №4 (36). – С. 173-185. – ISSN2305-0535;

[3]. Холмуродзода Ф.Ш., Танзими муносибатҳои ҳуқуқи граждании: хусусиятҳои шартномаҳои байналмилалӣ бо унсури хориҷӣ // Маҷаллаи академии ҳуқуқ – 2021. – №4 (40). – С. 120-125. – ISSN2305-0535;

[4]. Холмуродзода Ф.Ш. Заминаҳои ҳуқуқии эътирофи шартномаи байналмилалӣ ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷаллаи илмӣ – иттилоотии «Ҳаёти ҳуқуқӣ» – Июл – Сентябр 2021. – № 3 (35). – С. 172 – 182. – ISSN 2307 – 5198;

[5]. Холмуродзода Ф.Ш. Шартномаи байналмилалӣ ҳамчун тарзи ягонасозии (унификатсияи) меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ // Маҷаллаи илмӣ-байналмилалии "Фурӯғи илм"-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2024 – №3 (03). – С. 126 – 135. – ISSN 3078-395X

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

[6]. Холмуродзода Ф.Ш. Моҳият ва нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусии ҳуқуқӣ // Маводи конференсияи илмӣ – назарявии байналмилалӣ бахшида ба 28 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 25 – солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 22 – солагии Ваҳдати миллӣ мавзуи «Ҷаҳонишавӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳо дар замони муосир». – Бохтар 2019. – С. 313 – 315;

[7]. Холмуродзода Ф.Ш. Моњият ва љойгоњи шартномаи байналмилалӣ дар низоми сарчашмањои њуќуќи байналмилалии хусусӣ // Њуќуќи инсон дар раванди љањонишавӣ: маводи конференсияи љумњуриявии илмӣ- назариявӣ (7-уми декабри соли 2021) // Зери тањрири доктори илмњои њуќуќшиносӣ, профессор Рањмон Д.С. –Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. –С. 417 – 434;

[8]. Холмуродзода Ф.Ш., Умарахунов И.М. Шартномаи байналмилалӣ ҳамчун тарзи ягонасозии (унификатсияи) меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуривии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Рушди илми ҳуқуқ дар 30 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2022. – С. 237–258;

[9]. Холмуродзода Ф.Ш. Нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои оилавӣ-ҳуқуқӣ // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «XII Хониши Ломоносӣ», бахшида ба Рӯзи илми тоҷик ва 30-солагии барқароршавии муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия (29-30 апрели соли 2022). Қисми II. Илмҳои ҷамъиятӣ ва гуманитарӣ. – Душанбе, 2022. – С. 641–649;

[10]. Холмуродзода, Ф.Ш., Саидов, М.И. Проблемањои байналмилалии њифзи њуќуќи инсон дар замони муосир // Њуќуќи инсон ва љањонишавӣ: маводи IV-умин конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ бахшида ба Рӯзи

њуқуқи инсон // Зери назари умумии н.и.њ., дотсент Ф.Р. Шарифзода. – Душанбе: Нашриёти ВКД Љумњурии Тољикистон, 2022. – С. 281-284;

[11]. Холмуродзода Ф.Ш. Хусусиятҳои шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ // Маҷаллаи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Endless Light in Science». – Ҷумҳурии Қазоқистон, Остона 2023 январ № 1. – С. 565 – 569;

[12]. Холмуродзода Ф.Ш. Нақш ва хусусиятҳои шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои мурофиаи гражданӣ-ҳуқуқӣ // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «XIII Хониши Ломоносӣ», бахшида ба 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров (28-29 апрели соли 2023). Қисми II. Илмҳои гуманитарӣ (ҳуқуқ, иқтисод). – Душанбе, 2023. – С. 261 – 271;

[13]. Холмуродзода Ф.Ш. Нақши шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ-ҳуқуқӣ бо унсурҳои хориҷӣ // III Конгресси байналмилалии байнисоҳавии илмӣ-амалӣ «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ», 16–17 апрели соли 2024, ш. Москва: маҷмуаи мақолаҳо / таҳти таҳрири д. ю. н., профессор Б. А. Шахназаров. — М.: Маркази нашриёти Донишгоҳи ба номи О.Е. Кутафин (МГЮА), 2024. — С. 60 – 63;

[14]. Холмуродзода Ф.Ш. Шартномаҳои байналмилалии хусусӣ-ҳуқуқӣ ва нақши онҳо дар рушди муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ дар мавзуи «Нақши Комиссияи олии аттестатсионӣ дар таъмини соҳибистиқлолии илмии Тоҷикистон» бахшида ба 30 – солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2024 – Соли маърифати ҳуқуқӣ ва 10 – солагии таъсисёбии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Душанбе, 2024. – С. 61 – 66;

[15]. Холмуродзода Ф.Ш. Нақши Конститсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилали дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқи бо унсури хориҷӣ // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – санади олии ҳуқуқии кишвар» 1–2 ноябри соли 2024, ш. Бохтар. – С. 161 – 169;

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

– **Қосимов Фарух Абдумуминович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании Донишгоҳи милли Тоҷикистон;

– **Меликов Умирулло Асадуллоевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

– **Рустамзода Фирӯз Рустам** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

– **Абдуллозода Аҳтам Рустам –** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавидошта пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла:

Хуб мешуд, ки муаллиф таҳлили муфассали таҷрибаҳои судии Тоҷикистон (масалан, ҳолатҳои мушаххаси татбиқи шартномаҳо)-ро дар автореферати мазкур ишора мекард.

Гарчанде муаллиф таҷрибаи ҳуқуқии кишварҳои хориҷиро мавриди баррасӣ қарор додааст, таҳлили муфассали таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар соҳаи татбиқи шартномаҳои байналмилалӣ метавонист ба таҳқиқот амиқии бештар бахшад.

Муаллиф ба таври кофӣ ба масъалаи эътироф ва иҷрои қарорҳои арбитражии хориҷӣ таваҷҷуҳ кардааст, аммо таҳлили амиқи мушкилоти амалии марбут ба ин соҳа метавонист мавқеи амалии таҳқиқотро мустаҳкамтар кунад, ки мазмуни корро коста намегардонанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо дарназардошти муқарраироти банди 62 Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 70 ва 74 Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаҳои гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари илмӣ бори аввал ба шакли маҷмуӣ дар доираи диссертатсияи номзадӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст;

– **пешниҳод шудааст:** тартиби татбиқи меъёрҳои шартномаи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ, мафҳуми сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, санади ҳуқуқи байналмилалӣ ба маънои васеъ ва маҳдуд, намудҳои шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои фаромарзӣ, нақши шартномаҳои байнлалмилалӣ дар танзими муносибатҳои маданӣ, меҳнатӣ, оилавӣ ва мурофиаи маданӣ дар Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст;

– **исбот шудааст:** дар таҳқиқоти илмӣ асосҳои ҳуқуқии шартномаи байналмилалӣ, таносуби шартномаи байнламилалӣ бо санади ҳуқуқи байналмилалӣ, нақши шартномаи байналмилалӣ дар ягонасозии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, хусусиятҳои шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ исбот шудааст;

– **Ҷорӣ намудани:** нақш ва хусусиятҳои шартномаи байналмилалӣ вобаста ба танзими муносибатҳои хусусӣ - ҳуқуқии фаромарзӣ дар таносуб бо Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ҷиҳати дарки моҳият ва ҷойгоҳи шартномаи байналмилалӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, шартномаи байналмилалӣ ҳамчун воситаи ягонасозии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар танзими муносибатҳои хусусии ҳуқуқии фаромарзӣ, такмили заминаҳои ҳуқуқӣ падидаи шартномаи байналмилалӣ дар он инъикос мегардад, ки рисола барои сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ вобаста ба рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ фаромарзӣ замина фароҳам меоварад. Инчунин, натиҷаҳои он метавонад дар ҳалли як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалии вобаста ба шартномаи байнламилалӣ  пайдошуда ва дар раванди такмили қонунгузории соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ ба кор бурда шаванд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** Омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи муҳим барои такмили қонунгузории миллӣ ва мутобиқсозии он бо стандартҳои байналмилалӣ фароҳам меорад. Ин таҳқиқот метавонад ба таҳкими мавқеи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, рушди муносибатҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва иҷтимоӣ, инчунин таъмини ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон ва субъектҳои ҳуқуқӣ дар муносибатҳои трансмиллӣ мусоидат намояд. Дар ин замина, таҳлили муфассали нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон ва таъсири онҳо ба рушди муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ яке аз вазифаҳои муҳими илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар шароити муосир ба шумор меравад.

– **баён шудани** асосии таҳқиқоти мазкурро таҳлили ҳамаҷонибаи ҷойгоҳ ва нақши шартномаи байналмилалӣ дар низоми сарчашмаи ҳуқуқ ва хосса ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ташкил медиҳад, ки бо дарназардошти талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаҳои миллию байналмилалӣ ва назарияҳои илмии ҳуқуқшиносонӣ ватанию хориҷӣ сурат мегирад. Дар асоси омӯзиш таҳияи пешниҳодоти консептуалӣ барои беҳтарсозии низоми ҳуқуқии танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқии фаромарзӣ дар назар аст;

– **ошкор гардидани** мафҳуми сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, санадҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ҷойгоҳи шартномаи байнламилалӣ дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, намудҳои шартномаи байналмилалӣ, ягонасозии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, раванди татбиқи меъёрҳои шартномаи байналмилалӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши танзими муносибатҳои хусусӣ - ҳуқуқӣ;

– **омӯхта шуданд:** раванди пайдоиш ва таносуби “сарчашмаи ҳуқуқ” ва “шакли ҳуқуқ” ва дар ин асос муайян кардану пешниҳоди сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, мафҳум ва моҳияти санади ҳуқуқи байналмилалӣ ва шартномаи байналмилалӣ ва ҷойгоҳи онҳо дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, хусусияти шартномаи байналмилалӣ дар танзими

муносибатҳои фаромарзӣ, нақши шартномаи байналмилалӣ ҳамчун асоси ягонасозию (унификатсия) наздикшавии меъёрҳои ҳуқуқии хусусии кишварҳои гуногун ва рушди ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва раванди татбиқи (имплементатсияи) меъёрҳои шартномаи байналмилалӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши танзими муносибатҳои фаромарзӣ;

– **аз нав такмил додаҷи** самаранокии шартномаҳои байналмилалии универсалӣ, минтақавӣ ва қонунгузории миллӣ дар бахши моликияти зеҳнӣ ва ҳуқуқи муаллифӣ ва муайян кардани таносуби онҳо, таҳқиқи масъалаҳои муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ бо унсури хориҷӣ дар сатҳи шартномаҳои байналмилалии универсалию минтақавӣ бо Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ошкор намудани хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи онҳо аз муносибатҳои фаромарзии оилавии дигар давлатҳо, умумияту фарқияти муқаррароти Конвенсияҳои Созмони Миллали Муттаҳид, Созмони байналмилалии меҳнат, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Иттиҳоди Аврупо оид ба вазъи ҳуқуқии муҳоҷирати меҳнатӣ ва нақши асосии онҳо дар ҷараёни тартибу вориду татбиқшавӣ дар қонунгузории миллӣ ва танзими муносибатҳои меҳнатии фаромарзӣ ва муқаррароти шартномаҳои байналмилалии универсалӣ ва минтақавӣ оид ба мурофиаи мадании байналмилалӣ, Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими муносибатҳои мурофиавӣ-маданӣ бо унсури хориҷӣ;

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:** натиҷаҳои он метавонад дар раванди такмили қонунгузории ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва қонунгузорӣ дар самти шартномаҳои байналмилалӣ ба таври васеъ корбурд шавад.

– **муайян карда шуданд**, ки шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусуси ҳуқуқии фаромарзӣ вобастагӣ дорад ба низоми ҳуқуқи байналмилалӣ ва низоми ҳуқуқӣ миллии кишварҳои гуногун, ки ин раванд баъд аз этироф намудани санадҳои ҳуқуқӣ байналмилалӣ ҷойгоҳи хешро дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ таъмин менамояд.

– **офарида шуд:** шартномаи байналмилалӣ ҳамчун сандани ҳуқуқи байналмилалӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст, танзимгари муносибатҳои хусусӣ – ҳуқуқӣ фаромарзӣ фаҳмида шавад.

– **муаррифӣ карда шуд:** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чаҳорчӯби се марҳилаи пайдарпай амалӣ гардидааст, ки ҳар кадоме аз онҳо ҷанбаҳои муҳими илмӣ-назариявӣ ва амалӣ-ҳуқуқии мавзуи интихобшударо фаро мегиранд:

Марҳилаи аввал – омӯзиши масоили назариявӣ ва методологии табиати ҳуқуқии шартномаи байналмилалӣ дар низоми танзими ҳуқуқии муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқии фаромарзӣ. Дар ин марҳила, таваҷҷуҳи асосӣ ба таҳлили мафҳум, шакл ва манзалати шартномаи байналмилалӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ равона гардидааст;

Марҳилаи дуюм – таҳлили нақш ва хусусиятҳои шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ-ҳуқуқӣ ва оилавӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ, бо истифода аз қонунгузории амалкунанда ва таҷрибаи ҳуқуқии давлатҳои мухталиф;

Марҳилаи сеюм — омӯзиши хусусиятҳои шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ-маданӣ бо унсури хориҷӣ, бо такя ба таҷрибаи татбиқи шартномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, инчунин таҳлили таҷрибаи судӣ дар ин самт;

Таҳқиқот дар асоси маводи қонунгузорӣ, таҷрибаи амалии ҳуқуқии Тоҷикистон ва қиёс бо таҷрибаи ҳуқуқии як қатор кишварҳои хориҷӣ дар заминаи кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, марказҳои таҳқиқоти ҳуқуқӣ ва манбаъҳои илмии байналмилалӣ амалӣ гардидааст.

– **Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалияи судӣ ва ниҳодҳои байналмилалӣ асос ёфта, онҳо дар заминаи маълумоти гуногуни оморӣ, ҷамъбасти амалияи мақомотҳои давлатӣ ва таҳлили маводди илмию меъёрӣ ба даст оварда шудаанд.

– **барои корҳои таҷрибавӣ:** Пешниҳод мешавад, ки шартномаҳои байналмилалии универсалӣ, аз ҷумла Конвенсияи Умумиҷаҳонӣ “Дар бораи ҳуқуқи муаллифӣ” аз 6 сентябри соли 1952; Конвенсияи Берн “Дар бораи ҳифзи эҷодиёти бадеӣ ва санъат” аз 9 сентябри соли 1886; Созишномаи Созмони Умумиҷаҳонии Савдои оид ба ҷанбаҳои тиҷоратии ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ (ТРИПС) ва ғ.) ва минтақавӣ (санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар сатҳи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Иттиҳоди Аврупо) бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳо дар бахши моликияти зеҳнӣ ва ҳуқуқи муаллифӣ нишон дод, ки меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар танзиму баррасии мавзуи мазкур афзалият ва мушаххасиятро касб менамояд ва ҳам дар кишвари иштирокчии шартномаи байналмилалӣ ва арсаи байналмилалӣ фазои ҳуқуқиро фароҳам овардаанд ва қонунгузории миллӣ бо назардошти муқаррароти онҳо таҳия, қабул ва амал намудани санадҳои меъёрӣ –ҳуқуқиро муҳим аст.

**– ғоя асоснок шудааст:** дар қонунгузорӣ мафҳуми ягонаи санади ҳуқуқи байналмилалӣ истифода карда шавад, зеро шартномаи байналмилалӣ яке аз намудҳои санади ҳуқуқи байналмилалӣ аст ва на ҳамаи намудҳои санади ҳуқуқӣ байналмилалӣ ба мафҳуми шартномаи байналмилалӣ шомил аст. Дар ин асос муайян намудани умумияти таносиби он дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ накши калиди дорад.

**– муайян шудаанд**: дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар асоси Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид аз соли 1990, 14 ноябри соли 2008 Конвенсияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил “Дар бораи вазъи ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаи онҳо” қабул шуд, ки новобаста аз он ки дар ҳарду Конвенсия муқаррарот оид ба вазъи ҳуқуқии меҳнатии гурезаҳо пешбинӣ нашудааст, фазои ҳуқуқиро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ва доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бахши муҳоҷирати меҳнатӣ фароҳам овардаанд, ки амалишавии чунин фазои ҳуқуқӣ дар қаламравии Тоҷикистон ҳамчун узви Созмони Миллали Муттаҳид ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил истисно нест.

**– истифода карда шуданд:** Дар таҳқиқот маводди илмӣ, меъёрӣ, амалӣ ва оморӣ ба таври васеъ истифода карда шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии васеи муносибатҳои байналмилалӣ шуда истодааст, ки асоси ҳуқуқии онҳоро шартномаҳои байналмилалӣ ташкил медиҳанд, ки чунин раванд сол аз сол ба таҳкими ҷойгоҳи шартномаи байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ – ҳуқуқии фаромарзӣ мусоидат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҷойгоҳ ва нақши шартномаҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва услуби таҳияи матни диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 16 сентябри соли 2025 қарор қабул карда шуд, ки ба Холмуродзода Фазлиддин Шомаҳмад дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №16/шд тасдиқ гардидааст, 12 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 3 нафарашон доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 12 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, 12 нафар овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 12 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодиров Н.А.

16 сентябри соли 2025